**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «25» 04 соли 2025 № 156/м ш. Душанбе

*Дар бораи аз Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ намудани маҷаллаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 26 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 21 ва 22 Қоидаҳои таҳияи Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, №1/2) маҷаллаи илмии «Паёми молия ва иқтисод»-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ISSN:2663-0389) аз Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад.
2. Воридсозии такрории маҷаллаи илмӣ ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ба роҳ монда шавад.
3. И.в. мудири бахши иттилоот ва маҷаллаҳои илмӣ (Шарифзода Д.А.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия тадбирҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2025, № 05

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ